**“ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ”**

Ректори Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров” доктори илмҳои таърих, профессор

_________ Усмонзода Аюб Ислом.

12.09.2022с.

## ХУЛОСАИ

**МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” ба рисолаи номзадии Дадобоева Муслима Бахтиёровна дар мавзӯи “Асосҳои педагогии фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон тибқи муносибати аксиологӣ дар раванди таълим” (дар асоси маводи фанҳои биологӣ), барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ).**

Рисолаи мазкур дар кафедраи педагогикаи умумии МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” ба итмом расонида шудааст.

Дар давраи омодагӣ ба таълифи рисола Дадобоева М.Б. ба сифати муаллимаи кафедраи ботаника ва физиологияи растаниҳои факултети биология ва химия ва унвонҷӯи кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” фаъолият бурдааст.

Дадобоева М.Б. соли 2015 факултети биология ва химияи Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”-ро бо ихтисоси муаллимаи фанни биология хатм намудааст.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ ба Дадобоева М.Б. аз ҷониби Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ ба Дадобоева М.Б. аз ҷониби Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” соли 2022 дода шудааст.

Ба сифати роҳбари илмии унвонҷӯ Шаропов Шавкатҷон Аҳмадович-доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” тайин шудааст.

**Аз натиҷаи муҳокимаи рисола чунин хулосабарорӣ карда шуд:**

Низоми муносибатҳои нави дар муҳити иҷтимоию сиёсӣ ва фарҳангии ҷомеаи муосир ба вуҷудомада бо тамоми мубрамият талаботи сифатан навро дар назди муассисаҳои таҳсилоти олии мамлакат ба миён мегузорад. Рақобатпазир гардонидани мутахассисон ва дар сатҳи талаботи бозори меҳнат ва хизматрасониҳои таълимӣ омода намудани онҳо яке аз масъалаҳои мубрами низоми маориф ба ҳисоб меравад, ки дар ин самт ҳиссаи муассисаҳои таҳсилоти олӣ мақоми муҳим дорад.

Дар назди омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ вобаста ба сатҳи нави инкишоф ва муаммоҳои нави илми биология вазифаҳои нав гузошта мешаванд. Ташаккули арзишҳои ахлоқии инсон, тарбияи сифатҳои шахсиятӣ, худинкишофдиҳӣ ва худтакмилдиҳӣ дар мавқеи аввалиндараҷаро қарор мегиранд.

Солҳои охир тамоми оламро ҳаракати босуръат инкишофёбандаи ҳифзи табиат фаро гирифтааст. Дар назди ҳар як сокини сайёра саволе ба миён омадааст: инсон ба табиат чӣ гуна бояд муносибат кунад? Барои тарбия намудани муносибати бомасъулият ва эҳтиёткорона ба табиат дар хонандагон фарҳанги экологиро ташаккул бояд дод.

Вобаста ба ин, дар марҳалаи муосири низоми таҳсилот яке аз мушкилоти мубрами навсозии мундариҷаи таълим ин гузаронидани корҳои илмию тадқиқотӣ мебошад, ки ба навсозии мундариҷаи таълим дар соҳаи биология равона карда шудаанд. Бо назардошти аҳамияти ин

муаммо ва тақвият бахшидан ба нерӯи зеҳнии ҷомеа Ҳукумати мамлакат солҳои 2020 - 2040-ро бистсолаи омӯзиши илмҳои табиӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф эълон намуда, инчунин, ҷиҳати амалисозии ин иқдом доир ба гузаронидани озмуни ҳарсолаи "Илм - фурӯғи маърифат" қарор қабул кард. Ҳадафи асосӣ аз иқдомоти зикршуда ташаккул додани ҷаҳонбинии илмии ҷомеа, рушди фаъолнокии раванди маърифатии хонандагон тибқи муносибати аксиологӣ дар раванди таълим ва тафаккури техникӣ, пайванди илм бо истеҳсолот ва хусусан, ҷалб намудани ҷавонон ба ихтироъкорӣ ва навоварӣ ба шумор меравад.

Аз ин лиҳоз, шарти муҳимтарини фароҳам овардани асосу ангезаҳои хонандагон ба азхудкунии маҷмӯи зарурии донишҳои биологӣ, рушди фаъолнокии раванди маърифатии онҳо мебошад.

Муаммои рушди фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон ва омода кардани кадрҳои педагогии сатҳи тахассусашон баланд дар таҳқиқоти муосири психологию педагогӣ яке аз ҷойҳои асосиро ишғол менамояд.

Мавзӯи таҳқиқоти илмии Дадобоева М.Б. як қисмати муҳими нақшаи илмӣ - тадқиқотии кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи умумии Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" буда, дар Шӯрои ҳамоҳангсозии таҳқиқотҳои илмӣ дар соҳаи илмҳои педагогии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.

Фарҳанги мутаносиби унвонҷӯ имконият додааст, ки ӯ тибқи шиносномаи ихтисоси 13.00.01. - педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) дастгоҳи илмии диссертатсияро таҳия намояд, ки он мавқеи дурусти муаллифро нисбати коркарди консепсияи рисола, хусусиятҳои амалигардӣ ва асоснокии натиҷаҳоро инъикос менамояд.

Кори диссертатсионӣ мустақилона, дар заминаи омӯзиш ва таҳлили амиқи асарҳои фалсафӣ, равоншиносӣ, педагогӣ, барномаҳои

таълимӣ ва инчунин таҳқиқи ҳамаҷониба ва ҷамъбасти таҷрибаи педагогии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ таҳия гардидааст.

Дар кори илмӣ асосҳои методологӣ ва назарии муаммои таҳқиқот муайян карда шудаанд; таҳлили таърихӣ - педагогии мафҳумҳои «фаъолияти маърифатӣ», «фаъолнокии фаъолияти маърифатӣ» дода шудааст; амсилаи фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар раванди таълими фанҳои биологӣ тибқи муносибати аксиологӣ коркард шудааст; шартҳои педагогие, ки барои фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар раванди таълими фанҳои биологӣ тибқи муносибати аксиологӣ мусоидат мекунанд, муайян карда шудаанд; технологияи фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар раванди таълими фанҳои биологӣ бо воситаҳои дидгоҳи аксиологӣ кор карда шудаанд.

Нуктаҳои асосии рисола, натиҷаҳои тадқиқот ва тавсияҳои пешниҳодгардида ба муқаррароти фалсафӣ дар бораи моҳияти шахсият, робитаи диалектикии раванди маърифат ва фаъолияти фаъолонаи инсон дар инкишофи фаъолнокии раванди маърифатии хонандагон; таълимот оид ба моҳияти психологии шавқи маърифатӣ, нақши пешбари фаъолият дар ташаккули шахсият; муқаррарот дар бораи ягонагии диалектикии назария ва амалия; консепсияҳои психологию педагогӣ оид ба маҳорати методии омӯзгор асос меёбанд.

Таҳқиқоти ҳамаҷониба, ки аз пажӯҳишгар муайян намудани хусусиятиҳои сифатӣ ва миқдории низоми педагогиро тақозо менамояд, ба муаллифи рисола имкон додааст, ки фарзияи пешниҳодшударо бо эҳтимолияти қавӣ тасдиқ намуда, нуктаҳои асосии рисола, натиҷаҳои таҳқиқотро ба таври илмӣ асоснок кунад.

Дар бобати муайян сохтани тамоми марҳалаҳои таҳқиқот: банақшагирӣ, интихоб ва асоснок намудани мавзӯъ, таҳияи сохтори диссертатсия, муайян кардани ҳадаф, вазифаҳо, объект ва предмети

таҳқиқот, ҷустуҷӯй ва дарёфти адабиёти зарурӣ оид ба мавзӯи таҳқиқот, ҷамъоварӣ ва муназзам намудани маълумоти озмоишӣ ва коркарди онҳо, таҳлили натиҷаҳои коркарди маълумоти озмоишӣ, омода ва интишор кардани мақолаҳои илмӣ, иштирок дар ҳамоишҳои илмӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои таҳқиқот ва навиштани диссертатсия инъикос меёбад.

Боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот бо методологияи илмӣ, низоми методҳо ва методикаҳое, ки ҳамдигарро пурра мекунанд, тариқи мувофиқатсозии интихоб ва тавсифҳо, санҷидани методикаҳои озмоишӣ дар амалияи фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, коркарди омории маълумоти эмперикӣ таъмин гардидааст.

Навоварии илмии таҳқиқот дар нуктаҳои зерин ифода ёфтаанд:

- мафҳумҳои «фаъолияти маърифатӣ», «фаъолнокии фаъолияти маърифатӣ» дақиқ гардида, аз ҷиҳати мундариҷа пурра гардид;

- амсилаи фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар раванди таълими фанҳои биологӣ тибқи муносибати аксиологӣ коркард шуд;

- гурӯҳҳои асосии тарзу воситаҳои фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар раванди таълими фанҳои биологӣ тибқи муносибати аксиологӣ муқаррар гардиданд;

- шартҳои педагогие асоснок шуданд, ки ба фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар раванди таълими фанҳои биологӣ тибқи муносибати аксиологӣ мусоидат мекунанд;

- имконияти педагогӣ ва меъёрҳое муқаррар шуданд, ки ба самаранокии амсилаи пешниҳодшудаи фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар раванди таълими фанҳои биологӣ тибқи муносибати аксиологӣ мусоидат мекунанд.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот аз он иборат аст, ки дар таҳқиқот моҳияти фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар раванди таълими фанҳои биологӣ тибқи муносибати аксиологӣ дақиқ гардида, асосҳои назариявии он ошкор шуданд, ҳамбастагии байни фаъолнокии

фаъолияти маърифатии хонандагон дар раванди таълими фанҳои биологӣ тибқи муносибати аксиологӣ ва инкишофи соҳаи арзишӣ-ангезишии шахсияти мактаббача муқаррар гардид, ки ҳамаи ин барои тасаввуроти назариявии васеътар оид ба фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар раванди таълими фанҳои биологӣ тибқи муносибати аксиологӣ замина фароҳам овард; маҷмӯи мувофиқи шартҳои педагогие пешниҳод ва асоснок шуд, ки маҳсулнокии фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагонро дар раванди таълими фанҳои биологӣ тибқи муносибати аксиологӣ таъмин менамоянд, ки барои коркарди назария ва методикаи таълими фанҳои биологӣ дар мактаб муҳим аст.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар нуктаҳои зерин ифода меёбад:

- амсилаи фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар раванди таълими фанҳои биологӣ тибқи муносибати аксиологӣ коркард ва ҷорӣ гардид;

- таъсири технологияҳои педагогӣ ба фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар раванди таълими фанҳои биологӣ тибқи муносибати аксиологӣ аз санҷиш гузаронида шуд;

- тавсияҳои методӣ оид ба фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар раванди таълими фанҳои биологӣ тибқи муносибати аксиологӣ мураттаб гардида, интишор ёфтанд;

- анкета ва тестҳое тахия ва санҷида шуданд, ки барои баҳодиҳии сатҳи фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар раванди таълими фанҳои биологӣ тибқи муносибати аксиологӣ имкон медиҳанд.

Дар нуктаҳои ба дифоъ пешниҳодшудаи муаллиф ба таври пурмаъно моҳияти консепсияи мазкур дарк карда мешавад. Ба таври умум, консепсия ба қадри кифоя мувофиқ карда шудааст ва эроди ҷиддиро талаб намекунад. Мазмуни асосии он дар бобҳои диссертатсия густурда шуда, мантиқи ифодагардии маводҳои назариявӣ ва тавсифи таҳқиқоти эмпирикиро муайян кардааст. Мантиқи мазкури таҳқиқот ба дарки мавқеи ишғолкардаи илмии муаллиф ва фаҳмидани ғояи асосие,

ки ҳамчун пояи базавии коркарди консепсияи педагогии муаллиф гузошта шудааст имконият медиҳад.

Эътимоднокӣ ва асоснокии нуктаҳои асосии назариявӣ ва хулосаҳои амалӣ бо таҳқиқоти аналитикӣ ва озмоишӣ, коркарди маълумот бо истифодаи методҳои омори математикӣ, корбурди маҷмӯи методҳои илмӣ - педагогие, ки ба ҳадафҳо, вазифаҳо ва мундариҷаи кори диссертатсионӣ мувофиқанд, таъмин мегардад.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки аз тарафи Дадобоева М.Б. оиди ҷамъбаст ва хулоса намудани донишҳои илмӣ-назариявӣ марбут ба доираи муаммои таҳқиқот кори ҷиддии назариявӣ ва амалӣ гузаронида шудааст.

Хулоса ва тавсияҳои педагогии дар рисола пешниҳод гардида, арзиши баланди илмӣ дошта дар раванди фаъолияти педагогии муаллиф ба сифати омӯзгори донишгоҳ амалӣ гардидааст ва натиҷаҳои он дар ҷаласаҳои кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров», дар семинарҳо конференсияҳои илмӣ-амалии сатҳи байналхалқӣ ва ҷумҳуриявӣ (2018-2022) баррасӣ ва муҳокима шудаанд. Татбиқи хулоса ва натиҷаҳои таҳқиқот дар амалияи омодагии омӯзгорони оянда ба рушди фаъолнокии раванди маърифатии мактаббачагон тавассути маҷмӯи мақолаҳои интишорёфта, хондани лексияҳо ва гузаронидани машғулияти амалӣ дар донишгоҳ, роҳбарӣ ба таҷрибаи педагогии донишҷӯён сурат гирифтааст.

Натиҷаҳои тадқиқот ва нуктаҳои асосии рисола дар семинарҳои илмӣ-назарии кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи умумӣ, конференсияҳои анъанавии ҳамасолаи устодони Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, дар конференсияҳои илмӣ-назарии ҷумҳуриявию вилоятӣ ироа гардидаанд.

Мақолаҳои илмӣ ва илмӣ - методии нашршудаи муаллиф, автореферати диссертатсия мундариҷаи асосии рисолаи илмиро инъикос мекунанд.

Матлабҳои асосӣ, натиҷаҳо ва хулосаҳои тадқиқот дар 9 мақолаҳои муаллиф, аз ҷумла дар 6 мақолаҳои илмии дар нашрияҳои бонуфузи тақризии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шуда инъикос ёфтаанд.

Кори диссертатсионии Дадобоева М.Б. дар мавзӯи «Асосҳои педагогии фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон тибқи муносибати аксиологӣ дар раванди таълим (дар асоси маводи фанҳои биологӣ)», рисолаи ба анҷом расидаи тахассусӣ буда, дар сатҳи зарурии илмӣ - назариявӣ омода шудааст ва ба талаботу меъёрҳои Низомномаи “Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, пурра ҷавобгӯ аст.

Диссертатсияи Дадобоева М.Б. дар мавзӯи «Асосҳои педагогии фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон тибқи муносибати аксиологӣ дар раванди таълим (дар асоси маводи фанҳои биологӣ)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01-педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод карда мешавад.

Хулосаи мазкур аз тарафи ташхисгар, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Шарипов А. тартиб дода шуда, дар ҷаласаи кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи умумии Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” муҳокима ва қабул шудааст.

Дар ҷаласа 24 нафар иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” –24 нафар, “муқобил” – нест, “бетараф” – нест. Қарор бо як овоз қабул шуд.

**Қарор карда шуд:**

1. Хулосаи пешниҳод намудаи номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Шарипов Абдуҳакимоид оид ба рисолаи илмии Дадобоева М.Б. дар мавзӯи «Асосҳои педагогии фаъолнокии фаъолияти маърифатии

илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01-педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) ба инобат гирифта шавад;

2. Рисолаи илмии Дадобоева М.Б. дар мавзӯи «Асосҳои педагогии фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон тибқи муносибати аксиологӣ дар раванди таълим (дар асоси маводи фанҳои биологӣ)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01-педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) ки мутобиқ ба меъёрҳои "Низомноаи тартиби додани дараҷаи илмӣ" навишта шудааст, ба анҷомрасида ҳисобида шавад;

3. Рисолаи илмии Дадобоева М.Б. дар мавзӯи «Асосҳои педагогии фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон тибқи муносибати аксиологӣ дар раванди таълим (дар асоси маводи фанҳои биологӣ)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01-педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ), барои ташхиси давраи дуюм пешниҳод карда шавад.

(Суратҷаласаи № 9 аз 4 майи соли 2022)

Мудири кафедраи умумидонишгоҳии
педагогикаи умумии Муассисаи давлатии
таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров",
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент __________Кучибоев Шӯхратҷон Икромбоевич

Ташхисгар: номзади илмҳои педагогӣ,
дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии
педагогикаи умумии Муассисаи давлатии
таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академикБобоҷон Ғафуров" __________Шарипов Абдуҳаким

Котиби ҷаласаи кафедраи умумидонишгоҳии
педагогикаи умумии Муассисаи давлатии
таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи акад.Бобоҷон Ғафуров" ________________Атохоҷаева Ҳафиза Аҳроровна

**Маълумот барои тамос:** 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, к.Мавлонбеков - 1.тел. (+992) 927782640 почтаи элек.: kuchiboev1975@mail.ru вебсайт: www.hgu.tj

***Имзои Ш.И.Кучибоев, А.Шарипов ва Ҳ.А.Атохоҷаеваро тасдиқ мекунам.***

*Сардори РК ва КМ МДТ*
*«ДДХ ба номи академик*
*Бобоҷон Ғафуров»* ________________ *Наврӯзов Э.М.*